# ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ТАБИАТ

Тағйир ёфтани табиат дар назди одамон талаботи қатъӣ мегузорад, ки ба ҳамдигар оқилона, хайрхоҳона ва эҳтиёткорона муносибат намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

Бори аввал 5 июни соли 1972 дар шаҳри Стокголм конфронси махсуси Созмони Миллали Муттаҳҳид Созишномаро оид ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист таҳия ва қабул намуд, ки мақсади ҷалб намудани диққати ҷомеа ба ин масъала буд. Дар ҷумҳурии мо Рӯзи умумиҷаҳонии муҳити зист аз соли 1988 ва ҳамчун иди давлатӣ аз соли 2008 инҷониб дар сатҳи баланд қайд карда шуда, ба ҳалли масъалаҳои экологӣ аҳамияти махсус дода мешавад. Рӯзи байналмилалии муҳити зист яке аз санаҳои басо муҳим барои аҳли сайёра ҳисобида мешавад, зеро тибқи маълумоти мавҷуда онро расман сокинони беш аз 100 давлати дунё таҳлил менамоянд.

Таъмини амнияти экологии ҷомеа аз мубрамтарин масъалаҳои умумибашарӣ ҳисобида шуда, имконияти хубест барои бори дигар ҷалб намудани таваҷҷуҳи оммаи васеъ ба масоили экологӣ.

Боиси ифтихори ҳар як тоҷику тоҷикистонист, ки иқдоми навбатии сарвари давлатамон дар бораи эълон намудани Даҳсолаи байналмилалии «Об барои рушди устувор солҳои 2018-2028» амалӣ гардида истодааст. Дар иртибот бо ин дар Тоҷикистони азизи мо мунтазам чорабиниҳои сатҳи баланди байналмилалӣ, конфронсу чорабиниҳо баргузор мегарданд, ки асосан ба тарғибу ташвиқи донишҳои экологӣ, баланд бардоштани маърифати экологии шаҳрвандон ,ҳифзу тоза нигоҳ доштани манбаҳои захираи обу хок ва олами наботот равона карда шудааст.

Тавре, ки дар Паёми роҳбари давлат ба Маҷлиси Олӣ таъкид гардид: «зарураст, ки мо ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист, вазъи экологӣ ва баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ муносибати ҷиддӣ зоҳир намоем».

Таърихи сайёраи Замин аз замони ба ҳаёти геологӣ гузаштанаш то замони муосир шаҳодат медиҳад, ки тағйирёбии куллӣ ҳам дар муҳити обӣ, ҳам дар хушкӣ дар якчанд даҳрҳои геологӣ такрор шуда, сабаби аз байн бурдани биомасса ва экосистема гардидааст. Ин ҳодисаи фоҷиавии табииро мутахассисони соҳаи палеонтология (илми соҳаи ҳайвонҳои фавтида) дар ноормии (флуктуатсия)-и байни марзҳои хронвоҳидҳои тавқими геологӣ (даҳрҳо, давраҳо), ҳангоми гузариши як даҳр ба даҳри дигар мансуб медонанд. Аз тарафи дигар, фавтидану нест шудани массаи органикиро дар марзи давраҳои геологии перм ва триас бо кӯҳпайдошавии замони герсенӣ биёбоншавӣ ва аз байн бурдани баҳрҳои тунукоба алоқаманд мекунанд, ё ин “драма”-ро бо бархӯрдани ҷирми коинотӣ (астероид) бо Замин ва паҳншавии чанги марговари элементи иридияро дар марзи давраҳои табошир (бӯр) ва палеоген (аз нав эҳёшавӣ), сабаби нестшавии баъзе ҳайвонҳо (динозаврҳо) мешуморанд. Вале дар тағйирёбии муҳит, экосистема ва фавтидани биомассаи глобалӣ ҳиссаи асосиро иқлим мебозад. Ҳар як минтақаи географӣ хусусиятҳои хоси иқлими худро дорад.

Дар ташаккулёбии иқлим обу ҳаво низ ҳиссагузор аст. Таъсири он дар тағйирёбии шабонарӯзии обу ҳавои интиҳову ибтидои моҳҳои солҳо,

ивазшавии гардиши масса ва фишори ҳаво, пайдо шудани абр, тӯфонҳо, гармиву сардӣ, шуоъҳои офтоб, боришот, олами наботот ва дараҷаи ифлосшавии атмосфера ва дигар омилҳо мушоҳида мешавад. Ҳатто одамоне ҳастанд, ки тағйирёбии шабонарӯзии обу ҳаворо чун бадҳолӣ баръало эҳсос мекунанд.

Дар Тоҷикистон гармшавии ҳаво дар тобистон, он замоне ки боришот кам мешаваду шуоъҳои офтоб ба пиряххо таъсири зиёд мерасонад, туғёни дарёҳо, обхезӣ ва дигар ҳодисаҳои нохуши табиӣ, хоҷагидорӣ ва гидротехникиро ба вуҷуд меоранд, мушоҳида мешавад. Дар ин фасли сол воридшавии радиатсияи офтоб ба тропосфера (қабати гардишкунандаи ҳаво) зиёд шуда, ҳарорати ҳавои сатҳи замин баланд мешавад. Дар ин маврид тағйирёбии иқлим ҳама ҷиҳатҳои ҳаёти сайёраи моро дар бар мегирад ва таъсири физикӣ (боришот, обхезӣ, дар як минтақа, хушксолӣ дар минтақаи дигар), биологӣ (афзоиш ё аз байн рафтани экосистема), иқтисодӣ (тағйирёбии истеҳсолот), иҷтимоӣ, тандурустӣ, маданӣ-санитарӣ ва ғайраро дорад. Зиёд шудани аҳолӣ ва омили антропогенӣ низ ба гармшавии иқлими сайёраи Замин ва минтақаҳои сераҳолӣ таъсир мерасонад.

Гармшавии иқлими ҷаҳонӣ ба хушксолӣ оварда мерасонад ва сабаби камбизоатии аҳолӣ ва аз байн рафтани як қабила ё минтақа, хароб шудани табиат шуда метавонад, чунон ки солҳои 30-юми асри гузашта дар натиҷаи хушксолии ноҳияҳои марказии ИМА ба тамаддуни оклахомҳо ва заифии инкишофи хоҷагии халқу иқтисодиёти он зарари молию ҷонӣ оварда буд ва оклахомҳо маҷбуран ба Калифорния кӯч бастанд. Дар натиҷаи тағйирёбии иқлим хушксолӣ ва биёбоншавии минтақаҳои дигар (Туркия, Халиҷи Форс, Аккад ва ғ.) низ чашмрас аст. Масалан, соли 2010 Русия аз ИМА ғалла, аз Украина наск ва марҷумак харида буд. Нишонаи паствавии ҳосили ин маҳсулоти хоҷагидориро мо дар баланд шудани нарх дар бозорҳо мебинем. Саволе ба миён меояд, оё иқлим ба пешравӣ ва тамаддуни инсонӣ таъсир мерасонад ё не? Проблема дар назди мутахассисон боз ҳамон масъалаи саросар аз байн рафтани биомасса ва экосистема меистад, алалхусус муайян намудани алоқа байни сабаб ва оқибат.

Маълум аст, ки тағйирёбии кӯтоҳмуддати иқлими маҳаллӣ ҳатто дар фосилаи начандон тӯлонӣ ба популятсияи инсоният фишоровар аст.

Аз тарафи дигар, нишондиҳандаи асосии гармшавии ҳаво афзоиши боришоти зиёд ва давомнокии он сабаби аз маҷро берун рафтани оби дарёҳо, сустшавӣ ва шусташавии релйефи хоки мулоим ва ба харобазор табдил гаштани минтақаҳои вилояти Хатлон, ноҳияҳои вилояти Суғд, умуман аксарияти мамолики ҷаҳон (ФР, ИМА, Бразилия, Австралия, Олмон, Зеландияи Нав, Чин, Колумбия, Гурҷистон ва ғайра), обшавии пиряххои материкӣ (Антарктида) ва қутбӣ (Арктика) мебошад. Ин ҳодисаҳои нохуши табиӣ ба мамолики номбурда на танҳо зарари иқтисодӣ (миллиардҳо доллар), балки сабаби фавти ҳазорҳо одамон мегардад. Заминларза ва оқибатҳои он (сунамиҳо), ки дар Индонезия, Чин, Чилӣ ва Ҷопон рӯй додаанд, касро ба риққат меоранд. Вақтҳои охир фаввора задани вулқонҳои Исландия, Чилӣ ва Камчатка дар фазоро чангу ғубор паҳн шуда, ба аҳолӣ, ҳаракати тайёраҳо ва

мусофирон, системаи экологӣ, биомассаи минтақаҳои атрофи мамолики номбаршуда зарари ҷиддӣ меоваранд.

Мутахассисон мӯътақиданд, ки пиряххҳои ҳаракаткунандаи Ванҷ, мисли Хирсон, Кашолаях, Рағзо ва ғайра маҷрои дарёҳоро баста, куллаҳои муваққатии яхинро ташкил медиҳанд ва ҳангоми кандашавии сарбанд онҳо ниҳоят хатарноканд. Фаромадани тарма аз миқдори зиёди барф, мойилнокии релйеф ва экспозитсияи он вобастагӣ дорад. Дар мавсими баҳор тармафаророӣ дар кӯҳистон хеле зиёд мушоҳида мешавад. Ин ҳодиса дар баландиҳои 2200-4850 м (аз сатҳи баҳр) рӯй медиҳаду роҳҳои барои зиндагии омма лозимӣ ва маҷрои дарёҳоро муваққатан банд мекунад. Дар баландкӯҳҳо тӯфонҳо ва шамолҳои шадид сабаби фаромадани тарма ва кам шудани захираи барфи кӯҳсор шуда метавонад. Вале дар баъзе водиҳо аз ҳисоби гармшавӣ пиряххҳо об шуда, захираи об зиёд мешавад. Алҳол майдони пиряххҳои ҷумҳурӣ 20-25 фоиз кам шудааст. Ҳатто пиряххҳои соҳили дарёи Панҷ 50-70 дар сад дар коҳишанд. Чунки аксарияти дарёҳо аз барфу пиряххҳо ва чашмаҳо сероб мешаванд. Дар мавсими зимистони қаҳратун барфу пиряххҳо ва чашмаҳои баландкӯҳ ях мебанданд, миқдори оби дарёҳо ва низоми гидрологӣ халалдор мешавад, обанборҳои дорои аҳамияти гидроэнергетикӣ аз захираи об ба танқисӣ дучор меоянд. Ҳоло ин ҳодиса дар обанбори Норак чашмрас аст ва аҳолии Тоҷикистон аз қувваи барқ пурра истифода бурда наметавонад.

Обшавии босуръати пиряххҳо ва коҳиши захираҳои об барои иқтисодиёти кишварҳои Осиёи Миёна низ паёмадҳои номатлубе дар пай хоҳад дошт. Бахши асосии захираи оби минтақа аз кӯҳҳои Тоҷикистон сарчашма мегирад ва дар сурати коҳиши оби дарёҳо ба соҳаи кишоварзӣ, бахусус майдонҳои кишт ва парвариши пахтаву боғҳои навбунёд, ки аз маҳсулоти аслии содиротии бисёре аз ин кишварҳост, хисороти зиёде хоҳад расонд.

**Иззатуллоев А.С., устоди ДМТ**